**Протоколи №09**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «16» ноябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқгардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзнома:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Сафармамадзода С.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҳимова Хонигул Субҳонқуловна ба шурои диссертатсионӣ. Раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Сафармамадзода С.М. ба аъзои шуро иттилоъ дод, ки бинобар сабаби унвонҷӯ Х.С. Раҳимова шогирди котиби шурои диссертатсионӣ д.и.х. и.в., профессор Раҷабзода С.И. буданашон, тибқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ Раҷабзода С.И. ҳуқуқи котибии шуро буданро надорад. Бинобар ин дар ҷаласаи имрӯза номзадии д.и.тех. и.в., профессор Ш.Р. Самиҳовро ба котиби илмии шуро пешниҳод менамоям. Дигар аъзои шуро номзадии д.и.тех. и.в., профессор Ш.Р. Самиҳовро барои котиби илмии шуро якдилона қабул карданд.

**Баромад кард:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ д.и.тех. и.в., профессор Самиҳов Ш.Р. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Х.С. Раҳимова -автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти рақами №295 тасдиқ гардидааст

ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба шуро пешниҳод намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Раҳимова Хонигул Субҳонқуловна дар мавзуи **«Синтез ва омӯзиши хосиятҳои физикӣ-химиявию биологии баъзе эфирҳои 3α-,7α- диатсетокси -5β- кислотаи холан»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Бандаев Сироҷиддин Гадоевич - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис;

- Раҳимова М. - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис.

- Пулатов Элмурод Холиқулович - доктори илмҳои химия, сарходим, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Сафармамадзода С.М.

Иҷрокунандаи котиби илмии
шурои диссертатсионии
6D.KOA-010 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои техникӣ, и.в., профессор Самиҳов Ш.Р.

Имзои д.и.хим., профессор С.М. Сафармамадзода ва д.и.тех., и.в., профессор Ш.Р. Самиҳовро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.